## ПРОТОКОЛИ
### маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 25 – уми январи срои 2025, № 97** **ш. Душанбе**

Дар маҷлиси имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2024 таҳти № 148/шд тасдиқ шудааст, 16 нафар иштирок доранд, аз инҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия ҳузур доранд.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси шуро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

### РУЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ҳимояи диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи "Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

**Мушовири илмӣ:**

**- Низомов Самариддин Фахриевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Амонова Дилбар Субҳоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**- Навруз-Зода Бахтиёр Негматович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинг ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бухоро (Ҷумҳурии Ӯзбекистон).

**- Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Раис:** Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба Котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ **Бобиев Исмоил Атоевич** дода мешавад.

**Бобиев И.А.:** Маълумотномаи Раҳимов Саидалӣ Холовичро қироат мекунад.

**Раис:** Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Ташаккур, шинед. Сухан ба унвонҷӯй Раҳимов Саидалӣ Холович барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад, тибқи банди 81. Низомномаи Шурои диссертатсионӣ барои маърӯза то 40 дақиқа вақт дода мешавад. Марҳамат.

**Раҳимов С.Х.:** Баромад мекунад.

**Раис:** Кӣ ба Раҳимов С.Х. савол дорад? Марҳамат, аъзоёни шурои диссертатсионӣ: д.и.и., профессор Султонов З.С., Улуғхоҷаева Х.Р., Умаров Х., Қодирзода Д.Б., Дадоматов Д.Н., Қурбонов А.К.

**Раҳимов С.Х.:** Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

**Раис:** Боз кӣ савол дорад? Савол нест. Кифоя.

Сухани навбатӣ ба мушовири илмии унвонҷӯ **Низомов Самариддин Фахриевич -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад.

**Низомов С.Ф.:** Мушовири илмӣ баромад мекунад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Ташаккур.

**Раис:** Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Бобиев Исмоил Атоевич барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шуро ворид шудаанд, дода мешавад.

**Бобиев И.А.:** қироат мекунад:

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ.
2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).
3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

**Раис:** Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ медиҳем барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

**Раҳимов С.Х.:** Ба эродҳои дар тақризи муассисаи пешбар ва ба эродҳои дар тақризҳои ба автореферат гирифташуда ҷавоб мегардонад.

**Раис:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Амонова Дилбар Субҳоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дода мешавад.

**Амонова Д.С.:** Қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба унвонҷӯ Раҳимов С.Х. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Раҳимов С.Х.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раис:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Навруз-Зода Бахтиёр Негматович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинг ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бухоро (Ҷумҳурии Ӯзбекистон) дода мешавад.

**Раис:** Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Раҳимов С.Х. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Раҳимов С.Х.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раис:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - - **Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дода мешавад.

**Раис:** Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Раҳимов С.Х. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Раҳимов С.Х.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раис:** Ташаккур! Муҳтарам аъзоёни шурои диссертатсионӣ ба мубоҳиса мегузарем. Мувофиқи банди 92 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) бояд дар музокираи диссертатсия камаш 2 нафар узви Шуро, ки ҳамчун мутахассисон аз рӯйи диссертатсияи ҳимояшаванда дониста мешаванд, баромад кунанд. Ҳамзамон, дигар узви Шуро низ метавонанд дар музокира иштирок намоянд. Аз мутахассисон кӣ мехоҳад баромад кунад?

**Баромад намуданд**: д.и.и., профессор Калемуллоев М.В., д.и.и., профессор Шарифов З.Р., д.и.и., профессор Улуғхоҷаева Х.Р., д.и.и., профессор Қурбонов А.К., д.и.и., профессор Султонов З.С., д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н.

**Раис**: Боз ягон нафари дигар баромад мекунад? Нест? Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб гуфтан ба муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавӣ дода мешавад!

**Раҳимов С.Х.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

**Раис**: Саломат бошед, шинед. Акнун мегузарем ба ташкили комиссияи ҳисоб, мувофиқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ бояд 3 нафар интихоб гардад. Пешниҳод шуд ки узви зерини Шуро ба ҳайати комиссияи ҳисоб ворид карда шаванд: д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н., д.и.и., профессор Шарифзода Б.М., д.и.и., профессор Ҳикматов У. С.

(овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад)

**Раис:** Муҳтарам аъзоёни шурои диссертатсионӣ акнун сухан ба раиси комиссияи ҳисоб д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н. дода мешавад. Муҳтарам раис, муҳтарам аъзоёни шурои диссертатсионӣ, иҷозат диҳед шуморо бо протоколи № 1 маҷлиси комиссияи ҳисоб, ки шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-003 аз 25-уми январи соли 2025 интихоб намудааст, шинос намоям. Комиссия барои ҳисобкунии овозҳо дар овоздиҳии пинҳонӣ аз рӯйи масъалаи ба Раҳимов Саидалӣ Холович додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар ҳайати д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н., д.и.и., профессор Шарифзода Б.М., д.и.и., профессор Ҳикматов У. С. интихоб карда шудааст. Аъзоёни комиссияи ҳисоб д.и..и, профессор Дадоматов Д.Н.-ро раиси комиссияи ҳисоб интихоб намудааст. Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи - 16 нафар тасдиқ карда шудаст. Дар маҷлис 16 аъзои шуро иштирок намуданд, аз ҷумла 15 докторони илм, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда - 5 нафар. Бюллетенҳои тақсимгардида - 15, бюллетенҳои тақсимнашуда – 1 дона, бюллетенҳои ба қутии овоздиҳӣ воридгардида - 15 адад. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 15, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест. Имзоҳои узви комиссияи ҳисоб гузошта шудааст ва хоҳиш мекунем, ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад.

**Раис:** Ташаккур! Кӣ ҷонибдори он аст, ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Муҳтарам аъзоёни шурои диссертатсионӣ акнун ба қабули матни хулоса аз рӯйи диссертатсияи Раҳимов С.Х. мегузарем, ки қаблан лоиҳаи он ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим шуда буд. Аъзои шуро чӣ гуна эрод, пешниҳод ё илова доранд?

**Аъзои шуро:** Бо назардошти пешниҳодҳо ва. иловаҳо ҳамчун асос қабул карда шавад.

**Раис:** Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо ва иловаҳо қабул гардидани хулосаи шурои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи

Раҳимов С.Х. мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Раис:** Муҳтарам аъзоёни шурои диссертатсионӣ. Акнун мегузарем ба қабули қарори маҷлиси шурои диссертатсионӣ.

**ҚАРОРИ**
**маҷлиси шӯроӣ диссертатсионии 6D.КОА-003 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 25 - уми январи соли 2025, № 97 ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи "Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, тақризи мушовири илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомов Самариддин Фахриевич, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон; тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Навруз-Зода Бахтиёр Негматович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Кошонова Манзура Раҳматҷоновна, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Калемуллоев М.В., д.и.и., профессор Шарифов З.Р., д.и.и., профессор Улуғхоҷаева Х.Р., д.и.и., профессор Қурбонов А.К., д.и.и., профессор Султонов З.С., д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи "Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба талаботи бандҳои 32, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Раҳимов Саидалӣ Холович дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, қарори маҷлиси шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Раҳимов Саидалӣ Холовичро бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сарфароз намояд.

**Раис:** Ки тарафдори қабул кардани қарори зикршуда бошад, овоз диҳед. Кӣ тарафдор? Ташаккур. Зид, бетараф нестанд.

**Раис:** Муҳтарам аъзоёни Шурои диссертатсионӣ! Ягон савол ё пешниҳод оид ба тартиби гузаронидани ҷаласаи Шуро ҳаст. Нест!

**Раис:** Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи доктории ӯ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Бо ҳамин, маҷлиси шуро пӯшида эълон карда мешавад.

**Раиси маҷлиси**
**шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**25 - уми январи соли 2025**